# 36636 - Дар Масҷиду-л-ҳаром зиёд тавоф бикунад ва ё намоз бихонад?

## савол

Оё барои касе, ки дар Макка қарор дорад, беҳтар аст, ки дар Масҷиду-л-ҳаром зиёд намоз бихонад ва ё бисёр тавоф намояд?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намоз дар Масҷиду-л-ҳаром ва тавоф ба Каъба, ҳар дуи онҳо фазилати бузурге доранд. Аҳмад (14284) ва Ибни Моҷа (1406) аз Ҷобир ривоят кардаанд, ки мегӯяд: **«Як намоз дар Масҷиду-л-ҳаром беҳтар аст аз сад ҳазор намоз дар масҷидҳои дигар».** Ҳофиз гуфтааст: Ровиёни ин ҳадис муътамад мебошанд. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ирвоу-л-ғалил" (1129) саҳеҳ донистааст.

Тирмизӣ (959) аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардааст, ки мегӯяд: Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидам, ки мефармуд: **«Ҳар кас ба ин хона (Каъба) ҳафтто (яъне ҳафт давр) тавоф бикунад ва онро ҳисоб кунад (яъне онро бо беҳтарин ваҷҳ адо намояд, онро кам ё зиёд накунад ва одоби тавофро риоя намояд), ин ба монанди он аст, ки як ғуломеро озод карда бошад, ҳеҷ қадамеро намегузорад ва қадами дигареро намебардорад, магар ин ки Аллоҳ гуноҳеро аз ӯ пок мекунад ва барояш ҳасанае менависад».** Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Аз Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: Оё барои муқими Макка тавоф кардан ба Каъба беҳтар аст ва ё намоз хондан?

Чунин посух дод:

. . Аммо дар мавриди бартарии намоз бар тавоф ва ё тавоф бар намоз маҳалли назар аст.

(Яъне дар ин масъала тафсилот вуҷуд дорад). Баъзе аз донишмандон гуфтаанд, ки барои мусофир (касе ки муқими Макка нест) беҳтар аст, ки зиёд тавоф намояд, зеро ӯ метавонад намозро дар ҳар макони дигаре анҷом бидиҳад ва намоз махсуси Масҷиду-л-ҳаром нест, аммо тавоф ғайр аз Макка (Каъба) ҳосил нахоҳад шуд. Чун ӯ дар Макка муқим нест, балки аз онҷо меравад ва дур мешавад, аз ин рӯ, ғанимат гирифтани тавоф авлотар аст.

Аммо барои муқими Макка намоз беҳтар аст, зеро намоз аз тавоф афзалтар аст. Пас агар зиёд намоз бихонад, беҳтар мебошад. Поёни сухан бо каме тағйирот.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (16/367).